**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара

_______________ д.и.и. Хайрзода Ш.Қ.

«___15___» ________01__________с. 2024

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара**

ба диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи «Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи «Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 10.00.00 – Илмҳои филологӣ (10.02.01– Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара анҷом дода шудааст.

Муаллифи диссертатсия муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад.

Мавсуф соли 2018 Донишгоҳи давлатии Данғараро аз рӯи ихтисоси Забони тоҷикӣ. Забони англисӣ хатм намудааст.

Давоми солҳои 2019-2023 дар шуъбаи аспирантураи назди Донишгоҳи давлатии Данғара ба ҳайси унвонҷӯ аз рӯи ихтисоси 10.00.00 – Илмҳои филологӣ (10.02.01– Забони тоҷикӣ) таҳсил намудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои филология, Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 28.09.2020, суратмаҷлиси №2 тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ (фалсафа ва методологияи илм – бо баҳои «хуб», аз 18.02.2022; забони хориҷӣ – бо баҳои «хуб», аз 24.06.2022; ва имтиҳон аз рӯи ихтисос (10.02.01 – Забони

тоҷикӣ) - бо баҳои «хуб», аз 04.09.2023 аз тарафи Донишгоҳи давлатии Данғара дода шудааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия аввалин кӯшишест дар таҳлили бонизоми топонимияи асари «Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ аз нигоҳи маънои луғавӣ, қабатҳои забонӣ ва сохтору таркиб ба роҳ монда шудааст. Навгонии диссертатсияи мазкур дар он ифода меёбад, ки бори нахуст ҷиҳати баррасӣ ва таҳқиқи пурраи топонимияи «Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, вижагиҳои луғавию таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикии номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ, кӯҳу пушта, биёбон, қалъаву работ, номи шаҳру деҳа, вилояту мамлакат, чашмаву рӯд, дарёву кӯл ва амсоли инҳо мебошад.

**Объекти таҳқиқ.** Объект ва сарчашмаҳои асосии таҳқиқот аз инҳо иборат мебошанд:

–асари «Тазкират-уш-шуаро» -и Давлатшоҳи Самарқандӣ;

–асару мақола ва корҳои илмии муҳаққиқони забоншиноси дохиливу хориҷии ба ономастика ва қисматҳои он бахшидашуда;

–фарҳанг ва луғатномаҳо, асарҳои таърихию ҷуғрофии дар асрҳои гузашта ва замони муосир таълифгардида;

**Масъалаҳои таҳқиқ**. Дар диссертатсия ҳалли масоили зерин меҳвари таҳқиқотро дар бар мегиранд:

1. Нахустин бор дар ономастикашиносии тоҷик ба таври низомнок топонимҳои асари «Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст, ки маводи таҳқиқшуда барои омӯзиши номвожаҳо дар оянда кумак хоҳад намуд. Ҳамзамон, дар фароҳам овардани луғатномаҳои топонимӣ мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.
2. Дар кори илмӣ номвожаҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ таҳқику таҳлил ёфта, аз рӯи хусусиятҳои хоси худ ба қисматҳо гурӯҳбандӣ гардиданд.
3. Ҳангоми баррасии топонимияи асар муайян карда шуд, ки

номвожаҳои форсӣ-тоҷикӣ дар асар мавқеи асосиро ишғол намуда, ҳамзамон топонимҳои арабӣ, туркӣ, ҳиндӣ ва дигар забонҳо низ корбаст гардидаанд.

4. Таҳлилҳо нишон доданд, ки топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ аз лиҳози сохту таркиб гуногун буда, номвожаҳои мавзеъҳои ҷуғрофии асар бори аввал ба сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ҷудо ва таҳлил карда шуданд.
5. Дар рисола ба фарҳангномаҳову луғатномаҳо муроҷиат карда шуда, таърихи баромад ё худ этимологияи топонимҳо муайян карда шуд.
6. Муайян карда шуд, ки дар асар зиёда аз 1650 адад намудҳои гуногуни топонимҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд ва шумораи такроршавии баъзе аз онҳо то ба 50-80 маротиба ва аз он ҳам зиёдтар ба назар мерасад.

**Методҳои таҳқиқ.** Дар диссертатсия, асосан, усули синхронӣ дар ҳамбастагӣ бо усули таърихӣ-муқоисавӣ таҳлил карда шудааст, ки тавассути ин усулҳо номвожаҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд. Бо усули ташхис ва вижагиҳои луғавӣ, таҳлили хусусиятҳои лексикӣ-семантикии номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ, кӯҳу пушта, биёбон, қалъаву работ, номи шаҳру деҳа, вилояту мамлакат, чашмаву рӯд, дарёву кӯл ва амсоли инҳо таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Мундариҷаи диссертатсия ба талаботи таҳқиқоти соҳавӣ аз рӯйи ихтисоси 10.00.00 – Илмҳои филологӣ (10.02.01– Забони тоҷикӣ) комилан мувофиқат мекунад.

Масъалаҳои асосии дар диссертатсия таҳқиқшаванда аз ҷониби роҳбари илмӣ тарҳрезӣ шудаанд. Муаллифи диссертатсия бо такя ба маводи фаровони осори бадей ва луғатномаю донишномаҳо нахустин бор дар ономастикашиносии тоҷик ба таври низомнок топонимҳои асари "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандиро мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуда, маводи таҳқиқшуда барои омӯзиши номвожаҳо дар оянда кумак хоҳад намуд. Ҳамзамон, дар фароҳам

овардани луғатномаҳои топонимӣ мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Дар диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф натиҷаи асосии таҳқиқ инъикос ёфтаанд.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Дар диссертатсия бори нахуст таҳлили бонизоми топонимияи асари «Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ аз нигоҳи маънои луғавӣ, қабатҳои забонӣ ва сохтору таркиб ба роҳ монда шудааст.

Навгонии диссертатсияи мазкур дар он ифода меёбад, ки бори нахуст ҷиҳати баррасӣ ва таҳқиқи пурраи топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ мавод тибқи усули синхронӣ дар ҳамбастагӣ бо усули таърихӣ-муқоисавӣ таҳлил карда шудааст, ки тавассути ин усулҳо номвожаҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки ин асари таърихӣ-адабӣ бори нахуст аз нигоҳи номшиносӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуд. Аҳаммияти амалии таҳқиқотро метавон дар он ҳисоб кард, ки маводди таҳқиқшударо дар фарҳанги номгузории миллати тоҷик ба инобат гирифт ва ҳамзамон, барои таҳияи фарҳангномаҳо низ онро истифода намуд.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 5 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои бонуфузи илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, дарҷ ёфтааст. Чунончи:

**[1-М].** Файзуллоев, А. Мулоҳизае чанд оид ба антропонимияи арабиасли «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ. [Матн] / А. Файзуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Бахши илмҳои филологӣ.–Душанбе.–2021.–№2.–2021. – С. 173-177. ISSN-2413-516X.

**[2-М].** Файзуллоев, А. «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ – муҳимтарин сарчашмаи маърифати адабиёти тоҷик дар асри XV. [Матн] /А. Файзуллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. –

Бохтар. – 2021. – №1/4 (92]. – С. 31-33. ISSN: 2663-5534.

**[3-М].** Қурбонмамадов, С., Файзуллоев, А. Мавқеи истифодабарии оронимия ва дронимҳо дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ. [Матн] / Қурбонмамадов С., Файзуллоев А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе. – 2023. – №2. – 2023. – С. 62-67 ISSN-2413-516X.

**[4-М].** Файзуллоев, А. Хусусиятҳои семантикии чанде аз космонимикаи «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ. / А. Файзуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе. – 2023. – №7. – 2023. – С. 91-95. ISSN-2413-516X.

**[5-М].** Файзуллоев, А. Мавқеи истифодабарии хоронимҳо дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ. [Матн] /А. Файзуллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. –Бохтар. – 2023. – №1/3 (113). – С. 67-71. ISSN: 2663-5534.

Муаллиф, инчунин оид ба баъзе паҳлуҳои мавзуи мазкур дар ҳамоиш ва конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ тайи солҳои 2020-2023 бо гузоришҳои илмӣ баромад намудааст, ки ин гузоришҳо ба сурати мақолаҳои алоҳида мунташир шудаанд.

Ҳангоми баррасии диссертатсияи унвонҷӯ аз рӯйи ихтисоси 10.00.00 – Илмҳои филологӣ (10.02.01– Забони тоҷикӣ) ба ду ҷанбаи он ҳамчун норасоӣ ишора шуд, ки яке ба мукаммалтар намудани дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва дигаре ба ҷой доштани ғалатҳои имлоиву китобатӣ ва техникӣ дахл доштанд. Бо дарназардошти эътирофи ин норасоиҳо ва бартараф намудани онҳо аз ҷониби муаллифи диссертатсия ҷаласаи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара диссертатсияи мазкурро аз ҷиҳати асолат ва муҳтаво чун кори илмии мукаммал ва анҷомёфта эътироф менамояд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи «Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ», ба ихтисоси 10.00.00 – Илмҳои филологӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) мувофиқати комил дорад.

Диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи «Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ», барои дарёфти дараҷаи номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.00.00 – Илмҳои филологӣ (10.02.01– Забони тоҷикӣ) тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласа кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара *(суратмаҷлиси №2, аз 28 - уми сентябри соли 2023)* қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар докторон ва номзадони илм. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдӯр – 15 нафар», «муқобил – нест», «бетараф – нест».

**Раиси маҷлис:**
Мудири кафедраи забон ва адабиёти
тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара
доктори илмҳои филологӣ, профессор О.Ш. Саидҷаъфаров
Тел.: (+992) 909093184

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филология: Қ. Пирхонова
Суроға; 735320 Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти
Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25
Телефон: (+992-) 987541100
E-mail:ddd-ilm@mail.ru

Имзои О.Ш. Саидҷаъфаров, ва Қ. Пирхоноваро
тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА